**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 марти соли 2020 дар маҷмӯъ 73 ташкилоти қарзии молиявӣ, 18 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 33 ташкилоти ломбардӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар семоҳаи якуми соли 2020 дар маҷмӯъ ба 25 158,1 млн. сомонӣ баробар гардид, ки афзоиши он дар муқоиса ба ҷамъбасти соли қаблӣ маблағи 832,5 млн. сомониро ташкил намуд. Зиёд шудани дороиҳои бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуд. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 31,7 фоиз баробар гардид.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 31.03.2020 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | адад | дороиҳо (млн. сомонӣ) | (% аз ҷамъ) | Афзоиши дороиҳо нисб. авв. сол (%) |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **73** | **22 771,8** | ***90,5*** | **3,6** |
| ***Бонкҳо*** | ***18*** | ***19 400,3*** | ***77,1*** | ***3,6*** |
| *Бонки давлатӣ** | *3* | *9 488,6* | *37,7* | *2,1* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *141,2* | *0,6* | *-* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *7* | *2 858,1* | *11,4* | *11,9* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *6 912,4* | *27,5* | *2,1* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***55*** | ***3 371,5*** | ***13,4*** | ***3,7*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *20* | *2 711,0* | *10,8* | *2,9* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *6* | *254,5* | *1,0* | *6,5* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *29* | *406,0* | *1,6* | *7,9* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***331*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **18** | **487,3** | **1,9** | **7,6** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **6** | **221,5** | **0,9** | **-0,2** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **33** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **244,9** | **1,0** | **1,1** |
| **АСИН**** | **1** | **1 432,5** | **5,7** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***134*** | ***25 158,1*** | | ***3,4*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | | ***31,7*** | | |

**Бо иштироки сармояи давлатӣ*

***Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумот ба ҳолати 31.12.2019)*

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 90,5 фоизи он ба низоми бонкӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,9 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз), Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,0 фоиз) ва АСИН (5,7 фоиз) ташкил медиҳанд.[1]

Низоми бонкии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ ва дар навбати худ ташкилотҳои қарзӣ аз бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) иборат мебошанд. Дар семоҳаи якуми соли 2020 дороиҳои низоми бонкӣ ба 22 771,8 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ 3,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 331 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва 1 500 маркази хизматрасонии бонкии онҳо ба аҳолии кишвар хизматрасониҳои худро пешниҳод намуданд. Шумораи суратҳисобҳои бонкии барои муштариён кушодашуда, дар ин давра 4 414,2 ҳазор ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли қаблӣ 24,3 фоиз афзуд.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 7,6 фоиз афзуда, ба 487,3 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 18 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ, 15 ташкилоти суғуртаи ғайридавлатӣ ва 1 ҷамъияти суғуртаи мутақобила бо 77 адад филиалҳои худ хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ ба 244,9 млн. сомонӣ расид, ки нисбат ба ҷамъбасти соли 2019 ба андозаи 1,1 фоиз зиёдшавӣ дорад.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба охири соли 2019 ба андозаи 0,2 фоиз коҳиш ёфта, ба 221,5 млн. сомонӣ баробар гардид.

---

[1] Эзоҳ: Ҳангоми дастрас гардидани маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.